аз 02.03.2023, №3251/13.1-Д

Мақомоти ҳудудии андоз

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ»-ро аз 8 декабри соли 2003, №46 мавриди таҳлил қарор дода, мактуби дастурии мазкурро оид ба иҷрои муқаррароти қонунгузорӣ дар самти муфлисшавӣ омода намуда, барои риоя ва иҷро ирсол менамояд.

Бояд қайд намуд, ки аломатҳои муфлисшавии шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва ҳамчунин шахсони ҳуқуқии хориҷӣ барои қонеъ намудани талабҳои кредиторон аз рӯи уҳдадориҳои пулӣ ва ҳамчунин иҷрои пардохтҳои ҳатмии ба буҷет аз ҳисоби амволи онҳо воридшаванда қодирнабуда ҳисобида мешаванд, агар чунин уҳдадориҳо аз тарафи онҳо дар давоми се моҳ аз лаҳзаи эътибор пайдо карданашон иҷро карда нашаванд ва агар маблағи умумии уҳдадориҳояшон аз арзиши амволи ба онҳо тааллуқдошта зиёд бошад, ба ҳисоб меравад.

Дар асоси талаботи моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» агар аризаи қарздор оид ба муфлис эътироф намуданаш ба суд дар ҳолати мавҷуд будани имконияти қонеъгардонии пурраи талабҳои кредиторон пешниҳод шуда бошад (муфлисшавии сохта), қарздор, ки ҳамин аризаро пешниҳод намудааст, дар назди кредиторон барои зарари бо додани ҳамин ариза расонидааш ҷавобгар мебошад.

Ҳамзамон, мутобиқи сархати дуюми моддаи мазкур дар ҳолати муфлисшавии қарздор бо айби муассисони (иштирокчиёни) вай ё дигар шахсони мансабдор, аз ҷумла бо айби роҳбари қарздор, ки барои ба қарздор ҳуқуқи додани супоришҳои ҳатман иҷрошавандаро дорад ва ё ҳар гуна имконияти муайянсозии амали ӯро дорад (муфлисшавии барқасд), муассисон (иштирокчиён) - шахсони ҳуқуқӣ ё дигар шахсони мансабдор ба ҷавобгарии субсидиарӣ кашида мешаванд.

Тибқи муқаррароти зербанди б) банди 12 қисми 1 моддаи 34 Кодекси андоз андозсупоранда уҳдадор аст, ки дар давоми 5 рӯзи корӣ ба мақомоти андози маҳалли баҳисобгирии худ дар бораи қабули қарор оид ба муфлисшавӣ иттилоот пешниҳод намояд. Дар мавриди огоҳ гардидан мақомоти ҳудудии андоз оид ба ворид гардидани қабули қарори андозсупоранда дар бораи муфлисшавӣ, чараёни то муфлис эътироф гардидани шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродиро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, дар ин хусус Кумитаи андозро тариқи хаттӣ огоҳ намоянд.

Илова бар ин, мақомоти андоз дар асоси муқаррароти моддаи 150 Кодекси андоз дар ҳолати аз ҷониби андозсупоранда (агенти андоз) пардохт нагардидани қарзи андозҳо ба буҷет пас аз андешидани тамоми чораҳои дар бобҳои 17-18 Кодекси мазкур пешбинишуда ё мавҷуд набудани маблағҳои пулии андозсупоранда дар суратҳисобҳои бонкӣ ва (ё) молу мулк ва (ё) қарзҳои дебиторӣ ҳангоми мавҷуд будани нишонаҳои муфлисшавӣ, мақомоти андоз ҳуқуқ дорад мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд бо ариза дар хусуси муфлис эътироф намудани андозсупоранда муроҷиат намояд.

Яъне, дар ҳолати баъди татбиқи чораҳои пешбининамудаи бобҳои 17-18 Кодекси андоз пурра рӯёнида нашудани маблағи қарзи андозҳо ва мавҷуд набудани имконияти ситонидани маблағи қарз, мақомоти андоз метавонад ба суди иқтисодӣ дар бораи муфлис эътироф намудани андозсупоранда муроҷиат намояд.

Қобили қайд аст, ки аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз ҳолатҳои ба таври дахлдор риоя нагардидани талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ», Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ворид гардидани баррасии аризаҳои муфлисшавӣ ва иҷрои расмиёти муфлисшавӣ, ба назар мерасанд.

Дар асоси талаботи моддаи 26 Кодекси граждании ҳангоми муфлис эътироф гардидани соҳибкори инфиродӣ, талаботи кредиторон аз ҳисоби молу мулки ба ӯ тааллуқдоштае, ки аз он маблағ рӯёнидан мумкин аст, қонеъ гардонида мешавад.

Мутобиқи моддаи 57 Кодекси граждании дар ҳолате, ки сабабгори муфлисшавии шахси ҳуқуқӣ муассисон (иштирокчиён), молики молу мулки шахси ҳуқуқӣ ё шахси дигаре бошанд, ки ҳуқуқи додани дастурҳои ҳатмиро ба шахси ҳуқуқӣ ё ба тариқи дигар имконияти муайян намудани амалҳои онро доранд, дар сурати нарасидани молу мулки шахси ҳуқуқӣ мумкин аст ба зиммаи чунин ашхос аз рӯи уҳдадориҳои шахси ҳуқуқӣ масъулияти иловагӣ гузошта шавад.

Яъне, корманди мақомоти андоз ҳуқуқ дорад, аз суд талаб намояд, ки иҷрои уҳдадориҳои шахси ҳуқуқӣ аз ҳисоби амволи шахсони дар боло зикргардида қонеъ карда шаванд.

Инчунин, ба маълумоти мақомоти ҳудудии андоз расонида мешавад, ки дар моддаҳои 269 (Ҳаракати ғайриқонунӣ ҳангоми муфлисшавӣ), 270 (Муфлисии бадқасдона) ва 271 (Муфлисии сохта) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне ҳангоми татбиқи Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» барои пинҳон кардани молу мулк ё уҳдадориҳои молу мулкӣ, барои ба манфиати худ ё шахсони дигар вонамуд сохтан ё зиёд кардани андозаи ғайри қобили пардохт будани корхонаи тиҷоратӣ ва дидаю дониста аз ҷониби роҳбар ё молики корхонаи тиҷоратӣ, ҳамчунин соҳибкори инфиродӣ эълон кардани муфлисӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст.

Матни электронии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» дар сомонаи расмии Кумитаи андоз (info@andoz.tj) ҷойгир карда шудааст ва кормандони мақомоти ҳудудии андоз вазифадоранд ҳангоми анҷом додани фаъолияти хизматӣ аз он истифода баранд.

Нуқтаҳои дар боло зикргардидаро ба назар гирифта, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешавад, ки ҳангоми баррасии аризаҳои муфлисшавӣ ва расмиёти муфлисшавӣ талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ», Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунгузории дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намоянд.

Ҳамзамон, қатъиян талаб карда мешавад, ки ҳангоми муроҷиат ба судҳо ва иштирок дар баррасии парвандаҳои муфлисшавӣ барои гирифтани дастур ва тавсияҳои зарурӣ, ҳатмӣ ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи хаттӣ муроҷиат намоянд.

Мактуби дастурии Кумитаи андоз аз 28.05.2013, №4507/11.1 аз эътибор соқит дониста шавад.

Раис Давлатзода Н.М.